ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОЧИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ

# БАРОИ БАҲО ДОДАН БА ГӮСФАНДОНИ ЗОТИ ҲИСОРӢ АЗ РӮЙИ МАҶМӮИ АЛОМАТҲО

Душанбе – 2024

Барои пешбурди бо мувафақияти чорводорӣ сину соли чорво аҳмияти калон дорад. Бо назардошти тарзи парваришу нигоҳубини гӯсфандон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне тамоми сол нигоҳубин ва парвариш кардан дар шароити чарогоҳи ба ҳисоб гирифтани сину соли гӯсфандон нишондиҳандаи муҳим мебошад.

Амали кардани таъғийрдиҳии сохти хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ боиси ба миён омадани таъғийротҳои куллӣ шуданд. Дар натиҷаи барҳам хурдани хоҷагиҳои калон баҷои онҳо наздики 200 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ташкил карда шуданд. Аксарияти саршумори чорво дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонию-фермерӣ ва дасти аҳолӣ, ҳамчун моликияти шахсӣ боқи мондааст. Дар чунин хоҷагиҳои хурд –хурд ба роҳ мондани корҳои зотпарварӣ мушкил мебошад. Дар чунин ҳолат дар шаклҳои нави хоҷагидорӣ, махсусан дар хоҷагиҳои хонаводагӣ ба роҳ мондани усули анъанавии нишонгузории чорво (мечение), ки аз рӯи он таввалуди чорворо аниқ муайян кардан мумкин аст, истифода бурда намешавад.

Дар алоқаманди бо ин гӯсфандпарварон қисман усули муайян кардани сину соли гӯсфандонро аз рӯи дандонҳо истифода мебаранд. Ҳолати дандонҳо давра ба давра дар давоми ҳайёти гӯсфандон иваз мешавад.

Бинобар ин донистани тарзи муайян кардани сину соли гӯсфандон аз рӯи дандонҳо хусусиятҳои худро дорад.

Миқдори дандонҳо дар гӯсфандони калонсол 34 дандорро ташкил медиҳад, аз онҳо 6 ҷуфт дандонҳои курси дар ҷоғи боло ва поён, 6 ҷуфт дандонҳои ширӣ ( инчунин дар ҷоғҳои боло ва поён) 2 дандони хоянда, дар ҷоғи поён ва 8 дандони буранда, дар ҷоғи поён ҷойгир шудааст. Байни дандонҳои хоянда ва ширии дар ҷоғи поён ҷойгир шуда масофаи калон мавҷуд мебоашад.

Инкишофи дандонҳо дар гӯсфандон оҳиста оҳиста давра ба давра, ба мал меояд, баъд аз 1-1,5 сол раванди ивазшавии дандонҳои ширӣ ба доимӣ ба амал меояд. Ивазшавии ду дандони ширии пеш одатан дар сини яксолагӣ ба амал меояд. Ба ҷои онҳо дандонҳои доимии хоянда, ки нисбат ба дандонҳои ширӣ калон ва паҳм мебошанд мебароянд. Тамоми раванди ивазшавии дандонҳо одатан дар сини 4- солагии гӯсфандон ба анҷом мерасад. Дар гӯсфандоне, ки сину солашон аз 4 сола боло мебошад, дандонҳояшон алакай қисман суфта шуда байни онҳо ковокӣ ё масоҳат пайдо мешавад, ки дар онҳо алаф дармемонад. Дар гӯсфандоне, ки сину солашон аз 5 -6 боло мебошад, дандонҳояшон зард ва ҷунбонак шуда ба афтидан оғоз мекунанд.

**Сину соли гӯсфандонро аз рӯи дандонҳо бо чунин тарз муайян мекунанд:**

- дар сини 4- солагӣ гӯсфандон дандонҳои доимии сафеди паҳм ва ба якдигар зич ҷойгир шуда доранд;
- дар гӯсфандони синашон аз 4 сола боло, сину солашонро аз рӯи шакли дандонҳо дараҷаи суфта шудан ва ба вуҷуд омадани ковокии байни дандонҳо муайян мекунанд;
- дар сини 5- солагӣ дандонҳои буранда аз ҷоғ оҳста –оҳиста меафтанд, дар онҳо кунҷҳои боло суфта мешаванд;
- дар сини 6- солагӣ байни ҷуфти аввали дандонҳои буранда ковокӣ ба амал меояд, дандонҳо шакли ҷуйборчаро гирифта зард ва ҷумбонак мешаванд;
- дар сини 7 -8 солагӣ дандонҳо ба рехтан сар мекунанд, чунин гӯсфандонро аз рама соқит (брак) мекунанд.

Усули муайян кардани сину соли гӯсфандон аз рӯи дандонҳо дар расми зерин оварда шудааст.




4 5 6

7

*Расм – Муайян кардани сину соли гӯсфандон аз рӯи дандонҳо*

1- *дандонҳои бурандаи ширӣ дар сини 12 –моҳагӣ; 2 - аз 1 – то 18 моҳагӣ ду дандони бурандаи ширӣ иваз шудааст; 3 – дар сини дусолагӣ; 4- дандони буранда иваз шудааст, дар сини аз дусогаию семоҳагӣ, то дусолагию нуҳмоҳагӣ шаш дандони буранда иваз шудааст; 5- дар сини 3-4 солагӣ ҳамаи дандонҳои буранда иваз шудаанд; 6 - дар сини шашсолагӣ; 7- аз ҳафтсола боло.*